**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Маълум аст, ки соҳаи сайёҳӣ дар ҳама давру замон ба қатори соҳаҳои даромадноки кишварҳои олам дохил мебошад. Ҳоло дар баробари сайёҳии дохилӣ, инчунин сайёҳии байналмилалӣ низ рӯз аз рӯз рушд карда истодааст, ки чунин ҳолат боиси пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ гардида истодааст. Пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ хусусан муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳқиқ ва омӯзиши алоҳидаро талаб ва тақозо менамояд. Чунонки муаллифи автореферати диссертатсия қайд менамояд, сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ табдил ёфта, бо захираҳои табиии нодир (кӯҳҳои Помир, боғҳои миллӣ), ёдгориҳои таърихӣ (Панҷакент, Хуҷанд) ва чашмаҳои шифобахш (Гармчашма, Обигарм) имкониятҳои бузург барои ҷалби меҳмонони хориҷӣ фароҳам меорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Самизода Фурқат Давлаталӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудааст, ба таҳқиқ ва омӯзиши яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи соҳибкории кишварамон равона шудааст. Чунонки аз муқаррароти автореферати диссертатсия бармеояд, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои сайёҳии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии кишварамон ба шумор меравад. Сайёҳии байналмилалӣ на танҳо ба афзоиши даромади иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, балки ба мубодилаи фарҳангӣ, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди устувори захираҳои табиӣ ва таърихӣ низ хизмат менамояд.

Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот, оварда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиф гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ изҳори назар карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ дар 10 мақолаи илмӣ инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мебошад.

Боби аввали диссертатсия – **«Тавсифи умумии танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ»** ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби якум – «**Мафҳум ва намудҳои сайёҳии байналмилалӣ»** таҳлил гардида, қайд намудааст, ки сайёҳии байналмилалӣ як самти фаъолияти соҳибкорӣ буда, сайёҳати шахсони воқеиро ба Тоҷикистон ва сайёҳати шаҳрвандони Тоҷикистонро кишварҳои хориҷӣ бо мақсадҳои гуногун, аз қабили истироҳат, омӯзиши фарҳанг, табобат, тиҷорат ва муоширати байналмилалӣ дар бар мегирад. Муаллиф мафҳум ва намудҳои сайёҳии байналмилалиро дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои дохилӣ ва хориҷӣ коркард ва пешниҳод намудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи соҳибкорӣ навгонӣ ба ҳисоб меравcovered.

Дар зербоби дуюми боби якум – «**Мафҳум ва намудҳои аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ**» масъалаи мафҳум ва намудҳои аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ таҳлил гардида, муаллиф қайд менамояд, ки аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ шартномаҳоеро дар бар мегиранд, ки байни субъектҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун баста шуда, ба ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ, аз қабили истироҳат, табобат, чорабиниҳои фарҳангӣ ва тиҷоратӣ, нигаронида шудаанд. Ин аҳдҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти хос пайдо карда, ба рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат мекунанд. Дар охири зербоби мазкур муаллиф дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои дохилӣ ва хориҷӣ мафҳум ва намудҳои аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалиро коркард ва пешниҳод намудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи соҳибкорӣ падидаи нав ба ҳисоб меравanд.

Дар зербоби сеюми боби якум – «**Сарчашмаҳои ҳуқуқии батанзимдарорандаи сайёҳии байналмилалӣ»** сарчашмаҳои муҳими танзими

ин намуди хизматрасонии сайёҳии байналмилалӣ таҳлил гардида, мушкилоти он ошкор гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории сайёҳии байналмилалӣ баён карда шудаанд. Муаллиф барҳақ қайд менамояд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи сайёҳии байналмилалӣ маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллиро дар бар мегиранд, ки фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ, аз қабили танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ ва сайёҳон, инчунин муносибатҳои шартномавиро танзим мекунанд. Ин сарчашмаҳо барои таъмини ҳуқуқи тарафҳо, сифати хизматрасониҳо ва рушди устувори соҳаи сайёҳии байналмилалӣ аҳамияти калон доранд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Хусусияти танзими ҳуқуқии шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ»** аз се зербоб иборат аст. Зербоби аввали боби дуюм – «**Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ**» номгузорӣ шудааст, ки дар доираи он масъалаҳои мафҳум, хусусиятҳо ва унсурҳои таркибии шартномаи мазкур таҳлил шудаанд. Масъалаҳое, ки дар зербоби мазкур баррасӣ гардидаанд, ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошанд. Дар охири зербоби мазкур муаллиф тавсияҳо низ баён намудааст, ки онҳо аз аҳамият холӣ намебошанд.

**Зербоби дуюми боби дуюм – «Шартномаи миёнравӣ ҳамчун намудҳои гуногуни аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ»** ном гирифта, дар он муаллиф таваҷҷуҳи асосӣ ба маъмултарин шакли шартномаи ҳуқуқи маданӣ, яъне Шартномаи миёнравӣ равона кардааст. Чунонки муаллиф қайд менамояд, шартномаи миёнравӣ яке аз намудҳои муҳими аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ буда, муносибатҳои байни миёнрав (агенти сайёҳӣ) ва муштарӣ (сайёҳ ё шахси дигар) - ро танзим мекунад, ки дар он миёнрав хизматрасониҳои сайёҳиро аз номи ва бо супориши муштарӣ ташкил менамояд. Ин шартномаҳо дар шароити афзоиши сафарҳои байналмилалӣ аҳамияти хос пайдо карда, дастрасии сайёҳон ба хизматрасониҳо ва самаранокии фаъолияти субъектҳои сайёҳиро осон мекунанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Муайян намудани ҳуқуқ нисбати шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ»** таҳлил шуда, муаллиф қайд мекунад, ки муайян намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо нисбати аҳдҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ барои таъмини шаффофият, ҳимояи манфиатҳои тарафҳо ва пешгирии баҳсҳои ҳуқуқӣ муҳим аст. Аҳдҳои иқтисоди беруна, аз қабили шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ ва миёнравӣ, хусусияти мураккаб дошта, ба танзими бисёрҷониба ниёз доранд, зеро тарафҳо аз кишварҳои гуногунанд. Муаллиф

хулоса менамояд, ки ҳуқуқ нисбати шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ҳуқуқҳо, ухдадориҳо, масъулият ва манфиатҳои тарафҳои шартнома – танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, хизматрасонон ва сайёҳони хориҷиро муайян мекунад.

Боби сеюоми диссертатсия – «**Механизмҳои такмили танзими ҳуқуқии** аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби сеюм – **«Зарурати** таҳлил шудааст. Муаллиф дар зербоби мазкур камбудиҳо ва норасоиҳои қонунгузории миллӣ дар соҳаи байналмилалии сайёҳиро қайд намуда, ба андешаи ӯ чунин ҳолат ба коҳиши эътимоди сайёҳон, афзоиши баҳсҳои ҳуқуқӣ, маҳдудияти сармояи хориҷӣ ва паст шудани сифати хизматрасониҳо дар минтақаҳо, ба монанди Помир, оварда мерасонад. Аз ин рӯ, барои такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ як қатор тавсияҳо баён намудааст, ки онҳо барои рушду инкишофи соҳаи мазкур нигаронида шудаанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар рушди сайёҳии байналмилалӣ дар Тоҷикистон»**-ро муаллиф таҳлил намуда, такид менамояд, ки шартномаҳои байналмилалӣ, аз қабили созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, дар рушди сайёҳии байналмилалӣ нақши калидӣ бозида, ба соддагардонии раводид, ташкили чорабиниҳои муштарак, ҷалби сармояи хориҷӣ ва мубодилаи таҷриба мусоидат мекунанд. Ин шартномаҳо шаффофият, ҳимояи манфиатҳо ва рушди устуворро таъмин мекунанд.

Дар ҷамъбасти автореферати диссертатсия бошад, довталаби дараҷаи илмӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои муҳимтарини илмӣ ва амалӣ баён намудааст, ки онҳо мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳққоти мазкурро нишон медиҳанд. Дар таҳқиқот услуб ва истилоҳоти илмию касбӣ бо таври густурда истифода гардидааст ва асосҳои назариявию амалӣ ба назар гирифта шудаанд. Дар таҳқиқот гарчанде шакл ва мазмун бо ҳам мувофиқанд ва ба талаботҳои навиштани таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯянд, аммо ҳанӯз ҳам баъзе ҳолатҳои бахснок ба назар мерасанд, ки нисбати онҳо изҳори назари муаллифи автореферати диссертатсия ба манфиати кор аст.

Хусусан, дар зербоби дуюми боби дуюми автореферати диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ қайд намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи миёнаравӣ тибқи Кодекси мадании ҶТ (моддаҳои 1085–1116) ва Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» (№ 1718, 2020) танзим мешаванд, аммо набудани меъёрҳои мушаххас барои масъулияти миёнравон мушкилоти

ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Хуб мешавад, ки муаллиф чунин холигиро дар қонунгузорӣ равшантар баён намояд. Инчунин аз муаллиф пурсида мешавад, ки ташкилотҳои хизматрасонии сайёҳии байналмилалӣ ғайр аз дар шакли моликияти хусусӣ инчунин дар шакли моликияти давлатӣ низ фаъолият намуданашон ба манфиати кор ҳаст ё на? Чунки дар таҷриба аксаран фаъолияти ташкилотҳои хусусии сайёҳии байналмилалӣ назаррас мебошад. Ин ҳолатҳои бахсноки ишорашуда ба паст гардидани мазмун ва муҳтавони автореферати диссертатсия таъсири манфӣ надошта, танҳо назари шахсии муаллифро зимни ҳимояи асосии диссертатсия тақозо менамоянд, халос.

Таҳлили муқарраротн автореферати диссертатсияи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ-тахассусӣ ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Самизода Фурқат Давлаталӣ бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз: мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Тел.: (+992) 93-767-82-92; (+992) 00-177-82-92; e-mail: abdurakhimov1987@bk.ru** **Абдураҳимзода С. Қ.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735140, ш.Бохтар, кучаи ба номи Садриддин Айнӣ, 67. Телефон. (83222) 2-54-81; (83222) 2-48-63 E- mail: bgu-1978@mail.ru**

**Имзои Абдураҳимзода С. Қ. - ро тасдиқ менамоям Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** **дотсент Исозода Т.И.**

23.09.2025